**Суратҷаласаи № 32-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500- Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ).

аз 18 сентябри соли 2024

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 12 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

18 сентябри соли 2024, соати $13^{00}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 баргузор гардид.

**Раиси маҷлис**: доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ**: номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна** дар мавзуи “Вижагиҳои сохторию маъноии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и Старчевский А. В.” аз рӯйи ихтисоси 6D020500- Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD).

Гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” **Шокириён Туғрал Сироҷзода** мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Мамадназаров Абдусалом** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. **Усмонова Мунавара Холиқовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С Айнӣ.

Котиби илмии шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – П. Нуров, С. Назарзода, С. Раҳматуллозода ва А. Ҳакимов ҷавоб дод.

**Роҳбари илмӣ** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” **Шокириён Туғрал Сироҷзода** тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии шуро матни тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С Айнӣ ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои автореферат ҷавоб дод.

Гузориши муқарризони расмӣ - **Мамадназаров Абдусалом –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Усмонова Мунавара Холиқовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода шунида шуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илмҳои филологӣ С. Назарзода, Султон Ҳасан Баротзода ва С. Раҳматуллозода андешаҳои худро ба ҳайси муқарризони ғайрирасмӣ баён дошта, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – докторони илмҳои филологӣ А. Ҳакимов, С. Ҳ. Баротзода, Р. Раҳмонов шомил гардиданд.

Аз 16 нафар аъзои шуро 12 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна додани дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500-Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**

**аз 18.09.2024** **ш. Душанбе**

Гузориши **Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна** дар мавзуи “Вижагиҳои сохторию маъноии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и Старчевский А. В.” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500- Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ), тақризи муассисаи пешбар, гузориши муқарризони расмӣ - **Мамадназаров Абдусалом** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Усмонова Мунавара Холиқовна** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муқарризони ғайрирасмӣ докторҳои илм С.Назарзода, С.Ҳ.Баротзода ва С. Раҳматуллозодаро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дар мавзуи “Вижагиҳои сохторию маъноии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и Старчевский А.В.” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми фалсафа

(PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна дараҷаи илмии доктори илми фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500- Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дода шавад.

4. Ба додани дипломи доктори илми фалсафа (PhD) ба Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 12 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

18.09.2024